ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Саидзода Рамазон Абдураҳим дар мавзуи «Маҳсулнокии навъҳои ояндадори лӯбиё вобаста аз усулҳои парвариш дар шароити ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонии минтақаи Кӯлоб» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.1.2. Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ.

Яке аз соҳаҳои пешбарандаи ҳаёти ҷомеа имрӯз дар ҷаҳон ва хусусан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин соҳаи зироаткорӣ ба ҳисоб рафта, талаботи рӯзафзуни ҷомеаро бо маҳсулотҳои аввалия таъмин менамояд. Барои зиёд кардани ҳосилнокии зироати лӯбиё низоми технологӣ, коркарди дурусти агротехникӣ, истифодаи тухмиҳои аълосифат, навъҳои серҳосили тухмӣ ва риояи қатъии тавсияҳои олимони пешқадами соҳаи кишоварзӣ дар ин самт зарур ва ҳатмӣ аст. Лӯбиё яке аз зироатҳои муҳимтарини лӯбиёдонагиҳо ба шумор рафта дар шароити Тоҷикистон, махсусан дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонии минтақаи Кӯлоб ба таври васеъ парвариш карда мешавад. Дар айни замон, дар мавриди ҳалли масъалаи стратегии бехатарии озуқаворӣ, баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва самаранокии парвариши ин зироат тақозо менамояд, ки интихоби навъҳо ва технологияи парвариши лӯбиё аз лиҳози илмию таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ асоснок карда шаванд.

Ба сифати таркиби кимиёвии ҳосили зироат шароити хок, иқлими маҳали кишт, усулҳои коркарди агротехникӣ ва истифодаи нуриҳои маъданӣ таъсир мерасонанд. Дони лӯбиё аз сафеда, аминокислотаҳои ивазнашаванда ва дигар намуди витаминҳо нисбат ба зироатҳои дигари киштшаванда бой аст. Дони лӯбиё аз ҳисоби миқдори сафеда баъди гӯшт дар ҷойи дуюм аст. Бинобар сабаби миқдори сафеда ва каллорияи баланд доштан лӯбиё як навъи ашёи хоми озуқавории барои аҳолӣ зарурӣ дар саноат ҳисобида мешавад. Ҳамзамон, дар баробари ғизонокии баланд лӯбиё хусусияти барои бемориҳои диабети қанд, гурдаю ҷигар, имунитети паст, норасоии каллория дар организм ҳамчун як намуди маводи ғизоии дорои каллорияи баланд фоиданок аст.

Барои парвариши чорво ҳам парвариши лӯбиё бисёр муфид буда, хошоки он бинобар сабаби каллориянокии зиёд доштан, барои бо таври интенсивӣ парвариш намудани чорвои гӯштӣ истифода карда мешавад. Бактерияҳои лундашакл, ки ба авлоди ризобиум дохил мешавад, дар таркиби худи лӯбиё мавҷуд буда, нитрогени озоди муҳитро истеъмол ва аз ин ҳисоб тахминан 65-75 фоизи талаботи асосии ғизоии худро аз ҳамин ҳисоб қонеъ мекунад. Бинобар ҳамин сабаб, дар давраи сабзиш ва нашъунамои зироати лӯбиё аз нуриҳои нитрогенӣ камтар истифода бурда мешавад. Муаллиф вобаста ба вазифаҳои гузошташуда таҳлилу

ҷамъбастҳо гузаронида хулоса ва тавсияҳои мушахасро пешниҳод намудааст.Ҷамъбасти кори илмӣ тадқиқотӣ дар интишороти илмӣ инъикоси пурраи худро ёфтааст. Автореферати рисолаи илмӣ мазмуни асосии тадқиқоти гузаронидашударо ифода менамояд.

Новобаста аз натиҷаҳои ба даст омада дар кори диссертатсионӣ баъзан камбудиҳо мавҷуданд, ки ба раванди кор таъсири манфӣ намерасонад.

1. Дар автореферат баъзе ҷанбаҳои таъсири шароити хокию иқлимӣ ба рушди зироатҳо кӯтоҳ инъикос ёфтаанд.

Эроди зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, ба арзиши илмӣ ва амалии тадқиқот таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Саидзода Рамазон Абдураҳим дар мавзуи «Маҳсулнокии навъҳои ояндадори лӯбиё вобаста аз усулҳои парвариш дар шароити ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонии минтақаи Кӯлоб» кори илмии ба анҷомрасида ва дорои навгониҳои илмию амалӣ буда, аҳамияти соҳавӣ дорад. Диссертатсия ва автореферати он ба талаботҳои бандҳои 31, 33 ва 35- и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда муаллифи он Саидзода Р.А. барои дарёфти дараҷаи илмӣ номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.1.2. Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ сазовор мебошад.

Тақризиҳанда:
Доктори илмҳои кишоварзӣ,
профессори кафедраи биологияи
умумӣ ва методикаи таълими
биологияи ДДОТ ба номи С.Айнӣ.
E-mail: nigora.nazarova76@mail.ru

Назарзода Нигора
Нураҳмад

Имзои Н.Н. Назарзода-ро тасдиқ мекунам. Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи С.Айнӣ

Қодирзода. С

“04” 09 2026 сол

Сурога: *734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ 121, Донишгоҳи давлатии омузгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ, тел.: (+992 37) 221- 45-54, www.tpgu, info@tpgu.tj*